Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллифӣ мавзуи таҳқиқотро бонизом, ҳаматарафа дар сатҳи баланди илмӣ мавриди таҳлил қарор дода, ба хулоса ва натиҷаҳои дахлдор омадааст, ки мумкин аст барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон истифода шаванд.

Тавсияҳои дар таҳқиқот ҷойдошта ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об мусоидат намуда метавонанд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 14 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», мубрам ба хисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодии кишвар аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Танзими муносибатҳои вобаста ба об дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа мубрамияти хосса пайдо намудааст.

Бо сабаби рушди иқтисодиёт, зиёдшавии шумораи аҳолии кураи замин оғоз аз нимаи дуюми асри XX аз тарафи инсон захираҳои табиӣ ҳар чи бештар бе назардошти ҳифз ва азнавбарқарорсозии он истифода шуда истодааст.

То солҳои охир ба танзими ҳуқуқии ҳифзи об аз ифлосшавӣ ҳам тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам тавассути қонунгузории миллӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода намешуд. Ин ба ифлосшавии муҳити зист, норасоии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об оварда расонд. Бинобар ин солҳои охир дар назди давлатҳои ҷаҳон ҳифз ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои обӣ ҳамчун масъалаи аҳаммияти аввалиндараҷадошта гузошта шудааст. Бесарфа истифода бурдани об, ифлос ва олуда намудани он боиси фаро расидани оқибатҳои гуногуни барои ҷамъият хавфнок шуда метавонад, аз ҷумла расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон, зарар ба хоҷагии қишлоқ, саноат, хоҷагии ҷангал, зарар ба олами ҳайвонот ва наботот ва ғайра.

Имрузҳо барои ҷамеаи ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ба ҳисоб меравад. Зеро бо сабаби ифлос шудани муҳити зист, гармшавии иқлим ва офатҳои дигари табиӣ солҳои охир ҳарчи бештар нарасидани оби нӯшоки эҳсос мешавад. Бинобар ин бо сабаби нигоҳ доштани захираҳои мавҷудаи обӣ тоза нигоҳ доштани об, истифодаи оқилонаи он зарур ва муҳим ба шумор меравад.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад:

– ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, санадҳои зерқонунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии дахлдор;

– дар раванди таълим: ҳангоми таълими дарсҳои қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар дастурҳои таълимию методӣ.

Мақсади таҳқиқотро асоснок намудани баъзе муқарраротҳои назариявӣ ва коркарди пешниҳоду хулосаҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи м.226 КҶ ҶТ ва дигар қонунгузориҳо дар соҳаи об, бо назардошти таҷрибаи қонунгузориҳои як қатор давлатҳои пасошуравӣ ташкил медиҳад.

Мутобиқи мақсадҳои дар диссертатсия гузошташуда кушиши ҳал намудани вазифаҳои асосии зерин анҷом дода шудааст:

– мавриди баррасӣ қарор додани табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон;

– таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ҳифзи ҳуқуқии объектҳои обро ба роҳ мемонанд ва муайян намудани таносуби онҳо бо қонунгузории миллӣ оид ба пешгирии ифлосшавии об;

– таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои пасошуравӣ;

– таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти м. 226 КҶ ҶТ;

– муайян намудани хусусиятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти м. 226 КҶ ҶТ барои фардсозии ҷавобгарии ҷиноятӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ оид ба пешгирии ифлос кардани об, аз ҷумла муқаррароти м. 226 КҶ ҶТ.

Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, исбот мегардад. Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки ин нахустин таҳқиқоти комплексии диссертатсионӣ оид ба ифлос кардани об тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он хусусиятҳои таркиби ҷинояти ифлос кардани об мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ таҳлил шуда, ҷиҳатҳои мусбат он барои такмил додани КҶ ҶТ асоснок карда шудаанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Масоили умуминазариявии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об: паҳлӯҳои байналмилалӣ ва муқоисавии ҳуқуқии он» масалаҳои табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии

ҷиноятӣ дар Тоҷикистон, масоили ҳифзи ҳуқуқии об мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои пасошуравӣ мавриди омузиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант қайд менамояд, ки захираҳои оби Тоҷикистон дар дарёҳо, кӯлу обанборҳо, пиряххо ва дар намуди обҳои зеризаминӣ дар қаърҳои гуногун аз сатҳи замин ҷойгиранд.

Системаҳои Тян-Шан, Ҳисор-Олой ва Помир (нуқтаи баландтаринаш 7495 м) бо ҳавзаҳо ва водиҳои байникӯҳӣ (Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Вахш ва ғ.) аз ҳам ҷудо шудаанд. Дар пиряххо ва барфҳои кӯҳҳои баланд (масоҳати онҳо 8,5 ҳазор км2 ё 5,6% масоҳати мамлакатро ташкил медиҳад) захираҳои зиёди об, аниқтараш 400 км3 ҷамъ шудаанд, дар Тоҷикистон 1300 кӯли табиӣ мавҷуд аст, ки 50 км3 захираи умумии оби тоза дошта, масоҳаташ 705 км2 мебошад. Дар баландии зиёда аз 3500 метр аз сатҳи баҳр 780 кӯл мавҷуд аст.

Дар Тоҷикистон тахминан 600 дарё ва рӯдҳои муваққатӣ мавҷуданд.

Захираҳои обҳои зеризаминӣ 6 км 3 – ро ташкил медиҳанд, ки нисфи онҳо аз ҷиҳати гидравликӣ бо обҳои рӯизаминӣ пайвастагӣ доранд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ–«Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии кирдорҳое, ки бо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи об таҷовуз мекунанд»-ро фаро гирифта масъалаҳои аломатҳои объективии ҷинояти ифлос кардани об, аломатҳои субъективии ҷинояти ифлос кардани об ва тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки муайян намудани объекти ҷиноят, аз ҷумла ҷинояти ифлос намудани об аҳамияти муҳими назариявӣ дорад, чунки он имкон медиҳад муносибати субъективии қонунгузор ва ҷомеа ба моҳияти муносибатҳои экологӣ муайян карда шуда, аҳамияти муносибатҳо оид ба ҳифзи табиат дар қарини дигар ҳуқуқ ва манфиатҳо муқаррар гардад. Ғайр аз ин муайян намудани объекти ҷиноят аҳамияти муҳими амалиявӣ дошта имкон медиҳад ҳангоми банду баст ҷиноятҳои алоҳида аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундарицаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амали кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи -заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми криминалогия ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад. Мутаассифона, фарҳанги ҳуқуқии баъзе аз обистифодабарандагони мамлакат дар сатҳи паст қарор дорад. Зеро новобаста аз он ки онҳо барои ифлос кардани об якум маротиба ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, аз ин хулосаи дахлдор набароварда, дар давоми сол ҳамин кирдорро боз такрор карда, ин дафъа аз рӯи қ. 1 м. 226 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Агар кирдори ҷиноятӣ тибқи қисмҳои 2 ва 3 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад, пас мавҷудияти преюдитсияи маъмурӣ аҳамият надорад. Аз ин рӯ, тарбия намудани обистифодабарандагон дар рӯҳияи эҳтироми қонун ва муносибати сарфакорӣ бо об вазифаи асосии мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳои дахлдор, омӯзгорон ва падару модарон бошад.

Бояд иброз намуд, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошанд.

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 14 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон

медидад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат
бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафарзода А.И.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 905886363

Имзои Сафарзода А.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«05» июни 2024 с.